Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-001-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗИ

**муқаррizi расмӣ ба диссертатсияи Нуриддинзода Сайҷамолидин Ҳайдар дар мавзуи «Назарфиребии сиёсӣ ҳамчун таҳдид ба суботи сиёсии ҷомеа (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва техиологияи сиёсӣ**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод мешавад.** Диссертатсияи Нуриддинзода Сайҷамолидин Ҳайдар дар мавзуи “Назарфиребии сиёсӣ ҳамчун таҳдид ба суботи сиёсии ҷомеа (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ бо шиносномаи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми ноябри соли 2021, таҳти №311/01 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми ноябри соли 2017, таҳти №5/2 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия**. Низоми сиёсии олами муосир давраҳои мураккаби инкишофро аз сар мегузаронад. Тағйиротҳои

сифатии солҳои 90–уми асри XX ва аввали асри XXI дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ дигаргуниҳои куллиро ворид намуданд. Яке аз чунин падидаҳо ва зуҳуроти манфие, ки дар ҳаёти ҷамъиятии Тоҷикистон низ ба вуҷуд омад, ташаккул ва фаъол гаштани ҷараёнҳо ва самтҳои ифротгароии сиёсӣ, аз ҷумла назарфиребии сиёсӣ ба шумор меравад. Моҳиятан ҳодисаи мазкур як зумра нишондодҳо ва унсурҳои махсусеро дар замири худ ифода менамуд. Махсусан, аз лиҳози вақту замон дар камтарин фурсат ва бо суръати баланд афзоиш ёфтани ифротгароии сиёсии одамон ва умумиятҳои алоҳидаи ҷамъиятӣ, дар шуури омма эътибори хоса пайдо намудани фаъолиятҳои ифротгароию бенизомиҳои дигар, зуҳури ҳаракату ҷараёнҳои экстремистию террористӣ дар асоси рӯовариҳои арзишии мухталиф афзудани нақши назарфиребии сиёсиро низ дар ҷомеаи муосир ифода менамояд.

Дар ин давраи инкишофи бухронии ҷомеаи сиёсӣ назарфиребии сиёсӣ ҳарчи бештар аз худ дарак медиҳад. Аз ин ҷост, ки раванди таҳқиқи ҳамаҷонибаи он, пеш аз ҳама, ҳангоми истифода аз он ҳамчун падидаи объективӣ аҳамияти муҳими илмию амалӣ ва сиёсиро касб менамояд. Зеро он аз низоми муборизаи байниҳамдигарии неруҳои сиёсӣ берун меояд. Аз ин хотир, масъалаи мазкурро муаллифи рисола мавриди таҳқиқоти васеъ қарор дода, онро ба сифати омили таъсирбахше мавриди пажӯҳиш қарор додааст, ки ба раванди сиёсии Тоҷикистон, махсусан ба суботи сиёсии он эҳтимолияти таъсири муассир расонидан дошта, натиҷаҳо ва паёмадҳои гуногунро дар худ ниҳон менамояд. Чунин андешаҳо ва ҳолатҳо рӯзмаррагии омӯзиши масъалаи мазкурро нишон медиҳанд.

С. Ҳ. Нуриддинзода ҳангоми иншои рисола доираи васею гуногуни адабиёти илмию оммавӣ ва санадҳои мухталифро истифода намуда, кӯшидааст, ки хулосаҳои онҳоро дар раванди таҳқиқоти хеш ва барои тақвият ва инкори андешаҳо истифода намояд. Гарчанде ки адабиёт дар

мавриди масъалаи мазкур зиёду гуногун аст, аммо хулосагирии онҳо муаллифи рисоларо қаноат карда натавонистаанд. Махсусан, дар андешаҳои муҳаққиқон аҳамияти назарфиребии сиёсӣ ва ё мақоми ифротгароиро дар низоми сиёсии кишвари алоҳида, бахусус, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври зарурӣ пайдо кардан номумкин аст. Аз ин ҷост, ки ӯ мақсади муайян намудани моҳият, хусусиятҳо ва пешомади рушди падидаи ҷамъиятӣ ва ё паёмадҳои манфии таъсиррасониҳои назарфиребии сиёсиро ба раванди таҳким ва такмили системаи сиёсии Тоҷикистон ба миён гузоштааст. Даҳсолаҳои охир дар кишварҳои гуногуни олам идеологҳои сатҳи мухталиф тавассути истифодаи васеи технологияҳои муосири чангҳои иттилоотӣ дар бораи ҳокимиятхоҳию ниқорталабии ҳаммаслакан ва ҳамсафарони худ ба равияҳо ва ҷараёнҳои ифротгароӣ, ба монанди экстремизм ва терроризм пайваста , андешаҳои зиёду гуногун иброз медоранд.

**Навгониҳои кори диссертатсионии** С. Ҳ. Нуриддинзода низ дар ҳамин тарзи муносибати методологӣ ба масъалаи мазкур ва ҳолатҳои ба дифоъ пешниҳодшуда муқаррар гардидаанд.

Аз ин ҷост, ки рисолаи диссертатсионии С. Ҳ. Нуриддинзода дар омӯзиши амиқи масъалаҳои гуногуни таъсиррасониҳои назарфиребии сиёсӣ ба низоми суботи сиёсӣ ва муътадилии рушди мамлакатҳо ва минтақаҳо, дарёфти рӯовариҳои арзишию идеологии онҳо ва мақому ҷойгоҳи онҳо дар таркиби масъалаҳои иҷтимоиву сиёсии ҷомеа ва низоми такмили онҳо ҷойгоҳи хоса пайдо менамояд.

Муаллифи диссертатсия кӯшишҳои зиёде ба харҷ додааст, ки сабабҳо, омилҳо ва унсурони асосии шаклгирӣ ва ҷойгирии назарфиребии сиёсӣ ва пайдо намудани низоми муқовимат ба онро дар раванди сиёсии Тоҷикистони муосир муайян намояд. Мақом ва ҷойгоҳи назарфиребии сиёсиро вобаста ба аломатҳои махсуси он – рӯовариҳои арзишию идеологӣ ва самтгирии ташаккул ва мақомашон дар таҳким,

такмил ва тағйири раванди сиёсӣ, бахусус, дар самти таъмини суботи сиёсӣ муқаррар намояд.

Ӯ кӯшидааст, ки асосҳо, захираҳо ва мақоми назарфиребии сиёсиро вобаста ба вазъияти сиёсӣ ва ҳолати тағйирпазирии онҳо нишон диҳад. Ҷойгоҳи назарфиребии сиёсиро дар низоми муносибатҳои сиёсию ҷамъиятӣ муайян намояд. Барои аз ҳолати зиддиятнок ва муқовиматбори инкишофи ҷомеа раҳоӣ ёфтан тавассути истифодаи фаъолиятҳои гуногун тарҳҳои хосае пешниҳод намояд. Ӯ таваҷҷуҳи бештарро ба сӯи мақом ва ҷойгоҳи муқовимат ба назарфиребии сиёсӣ дар раванди ташаккул ва таҳкими раванди сиёсӣ дода, манбаъҳо ва роҳҳои асосии истифодаи технологияҳои ҳозиразамони таъсиррасонро дар инкишофи босуботи ҷомеа нишон додааст.

**Аҳамияти илмию амалии натиҷаҳои диссертатсия** дар он ифода меёбанд, ки тағйиротҳои сифатии равандҳои сиёсии тайи солҳои истиқлолияти сиёсии кишвар бавуҷудомадаро мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор додааст. Натиҷаҳои бадастовардашударо метавон дар таҳқиқотҳои минбаъда истифода намуд, зеро онҳо дар раванди таҳлил ва хулосагириҳои омӯзиши мушкилоти шаклгирии муносибатҳои мутақобилаи давлат ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва созмону ҳаракатҳои гуногун, ҳангоми таҳияи стратегия ва консепсияи сиёсати давлатӣ дар мавриди мубориза бар зидди ифротгароӣ дар шаклҳои гуногуни зуҳуроташ, муайян намудани мақом ва нақши он дар равандҳои сиёсии ҷомеа, такмил ва таҳкими раванди амнияти миллӣ ва таъмини инкишофи мутаносиби ҷомеа аҳамияти муҳим доранд.

Ҳамчунин, дар зимни ин метавон маводҳои диссертатсияро дар таълими илмҳои сиёсӣ ва донишҳои дигари ҷомеашиносӣ ва ба сифтаи таълими курси махсус ва дар омӯзиши мавзуъҳои рӯзмаррае, чун терроризм, экстремизм ва ҳамчунин дар марказҳои таҳқиқотию оянданигарӣ ва сулҳшиносӣ истифода намуд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот аз дақиқияти маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлилу таркиби натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд.

Муаллиф тавонистааст, ки масъалаҳои асосии таҳқиқотро ба таври кофӣ ва зарурӣ дар муқаддимаи диссертатсия асоснок намояд. Асосҳои назариявӣ, илми-амалӣ, методологӣ, навгониҳои таҳқиқот ва масъалаҳои барои дифоъ пешниҳодшударо ба таври хуб нишон дода, ҳолати истифодаи воқеии онҳоро муқаррар намояд. Дар ду боби диссертатсия онҳоро ба таври амиқ мавриди таҳлил ва хулосагириҳо қарор диҳад.

Боби якуми диссертатсия – «Заминаҳои таърихию сиёсии ташаккулёбии консепсияи назарфиребии сиёсӣ» ном дошта, аз се зербоб иборат мебошад, ки дар он масъалаҳои илмию назариявӣ ва методологии таҳқиқи назарфиребии сиёсӣ аз нигоҳи консептуалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар ин қисмати диссертатсия, муаллиф доир ба масъалаҳои муносибати методологӣ нисбати назарфиребии сиёсӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудааст. Муаллиф нисбати раванди таҳқиқи назарфиребии сиёсӣ  мавқеи дурусти таҳқиқотиро интихоб намуда, онро ҳамчун зерсистемаи мураккаби муносибатҳои васею амиқи ҷамъиятӣ мавриди назар намудааст. Муаллиф ба сифати манбаи назариявию методологӣ асарҳои муҳаққиқон, ба монанди Г.Франк, Э. Шостром, Т.В. Дейк, С.Г. Кара-Мурза, А. Зиволевич, Е. Дотсенко, Ю. Ермаков, В.Шейнов, Э. Бэк ва дигаронро ба таври васеъ истифода намуда, моҳият ва хусусиятҳои назарфиребии сиёсиро ошкор намуда, андешаҳо ва хулосаҳои худро тақвият бахшидааст. Муаллиф баён менамояд, ки дар назарияи сиёсӣ оид ба моҳият, ҳадаф ва хосиятҳои асосии назарфиребии сиёсӣ ва ҷойгоҳи он

дар раванди сиёсӣ андешаҳои мухталифу зиёде ҷой доранд. На танҳо назарфиребии сиёсиро ҳамчун муносибати манфию иртиҷоӣ маънидод менамоянд, балки дар он ҳолатҳои мусбату заруриро низ мебинанд.

Гурӯҳе бар он назаранд, ки назарфиребии сиёсӣ ҳамчун як ҳодисаи сунъӣ аз ҷониби дастгоҳҳои махсусу мухталифи кишварҳои ғарбӣ барои таъсиррасониҳо ба ҷомеаи нокомил бунёд гардидааст. Барои гурӯҳи дигаре аз муҳаққиқон он ҳамчун як ҷараёни бартаридоштаи иҷтимоӣ буда, муайянкунандаи меъёри асосии ҳаёти моддӣ ва маънавӣ мебошад. Барои гурӯҳи сеюм бошад ин раванд ва падида дар натиҷаи муносибатҳои мутақобила ва бисёрҷонибаи ҷомеаи муайян бо тамаддунҳои дигар ба вуҷуд омадааст.

Муаллиф дар қисмати аввали кори диссертатсионӣ инчунин ба масъалаҳои истифодаи назарфиребии сиёсӣ дар замони муосир ва шаклҳои зоҳиршавии онҳо, ҷойгоҳи он дар фаъолияти ташкилотҳои экстремистию террористӣ таваҷҷуҳи хосае намудааст.

Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ – «Шаклҳои истифодаи назарфиребии сиёсӣ дар муқобили суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном гирифта, аз ду зербоб иборат аст, ки дар он махсусиятҳои зуҳури назарфиребии сиёсӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода мешаванд. Муаллиф тавонистааст, ки роҳу воситаҳои гуногуни муқовимат бо назарфиребии сиёсиро нишон дода, ҷомеаро аз эҳтимоятҳои манфию иртиҷоии ҳимоя намояд ва низоми таъмини амнияти сиёсии Тоҷикистонро вобаста ба масъалаи таҳқиқшаванда нишон диҳад. Муаллиф тавонистааст, ки як навъ стратегияи муносибат ба назарфиребии сиёсиро маълум гардонад ва ҳодисаро ҳамчун амал ва фаъолияти иртиҷоӣ нишон диҳад.

Муаллиф масъалаи назарфиребии сиёсиро ҳамчун воситаи ноором сохтани авзои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиф намуда, муносибати сохторӣ ва ташкилиро дар нисбати он муқаррар намуда, роҳу воситаҳои

муқовимат бо онро ҷустуҷӯ менамояд. Роҳу усулҳои муқовимат бо технологияи назарфиребии сиёсӣ дар шароити муосир гуногун аст. Муҳим он аст, ки муҳаққиқ дуруст дарк наояд, ки мақсад ва вазифаҳои назарфиребии сиёсӣ чӣ гунаанд ва дар нисбати онҳо чиро муқобил гузоштан мумкин аст.

Муаллифи рисола С. Ҳ. Нуриддинзода масъалаҳо, тамоюлҳо ва пешомади инкишофи назарфиребии сиёсӣ ва низоми таъсиррасониҳои онро ба суботи сиёсии ҷомеа дар мисоли системаи сиёсии Тоҷикистон мавриди таҳлил ва хулосагириҳои амиқ қарор додааст. Муаллиф ба ҳолат ва раванди сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯ оварда, механизми муқовимат ба назарфиребии сиёсӣ ва ҳарчи бештар ба сатҳи ақаллӣ расонидани таъсирҳои онро унсури муҳими таъмини субот ва рушди ҷомеа ҳисобида, саҳми фаъолони иҷтимоиро дар беҳбудии вазъи иҷтимоии аҳолӣ, бунёдкориву созандагӣ ва тарбияи маънавию ахлоқии аҳли ҷомеа назаррас медонад.

Дар хулосаи диссертатсия муаллиф натиҷаҳои ба дастовардаро баён намуда, оид ба истифодаи амалии онҳо тавсияҳои муфид пешниҳод намудааст.

Саҳми муаллиф дар омӯзиши масъалаи мазкур дар он аст, ки ӯ дархостҳои худро муаттаб сохта, пешниҳодоти амалӣ ва пешбиниҳои илмиро дар мавриди масъалаҳои таҳқиқшаванда мушаххасан иброз намудааст. Ҳамаи ин шаҳодати он аст, ки муаллиф сатҳи касбияти зарурииро пайдо намудааст ва қобилият ба таҳқиқоти илмиро пайдо намудааст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст. Ҳамчунин, нуктаҳои асосии таҳқиқот дар 2 конференсияи ҷумҳуриявӣ аз ҷониби

муаллиф дар шакли маърӯза пешниҳод гардидаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд.

Автореферат ва корҳои илмие, ки дар мавзуи таҳқиқотӣ чоп гардидаанд мазмуни асосии рисолаи диссертатсиониро ба таври зарурӣ инъикос менамоянд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Он фарогири масъалаҳое мебошад, ки ба раванди ташаккул ва инкишофи системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳолатҳои таъсиррасониҳои гуногун ба он, аз ҷумла тавассути назарфиребиҳои сиёсӣ пайвасти қавӣ дорад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Дар диссертатсия нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки онҳо дар замони муосир навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд. Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Дар баробари муваффақиятҳои худ таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз норасогиҳо холӣ нест, ки онҳоро метавон ба таври зайл нишон дод:

1. Ҳангоми таҳқиқ, баррасӣ ва хулосагириҳои сатҳи таъсиррасонии назарфиребии сиёсӣ ба раванди сиёсии Тоҷикистони муосир ва суботи

сиёсии он муаллиф ба масъалаҳои назариявию методологии он бештар таваҷҷуҳ намуда, ба унсурҳои таркибии он дар шароити Тоҷикистони муосир ва сатҳи таъсиррасониҳои онҳо ба ҳодисаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятӣ дар сатҳи зарурӣ таваҷҷуҳ накардааст.

2. Диссертант чанд консепсияро дар мавриди назарфиребии сиёсӣ ҳамчун рӯовариҳои методологӣ мавриди истифода қарор додааст. Беҳтар мебуд, ки хосияти амалӣ пайдо намудани онҳоро дар шароити Тоҷикистон ва ҳолатҳои истифода аз онҳоро нишон медод.

3. Муаллифро зарур буд, ки дар баробари дар бораи моҳияту хусусиятҳо ва эҳтимолиятҳои таъсиррасониҳои назарфиребии сиёсӣ дар мавриди заминаҳои иҷтимоии чунин падидаи манфии ҳаёти ҷамъиятӣ ибрози назар менамуд ва роҳҳои бартараф намудани онҳоро мушаххасан нишон медод.

4. Муаллиф доир ба хусусиятҳои таъсиррасонии назарфиребии сиёсӣ дар раванди сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар маълумоти умумӣ пешниҳод намудааст. Хуб мешуд, ки ба таври мушаххас хусусиятҳои таъсиррасонии назарфиребии сиёсиро бо истифода аз маълумотҳои оморӣ ва ё таҳқиқотҳои сотсиологӣ дар раванди сиёсии Тоҷикистони муосир нишон медод.

Дар маҷмуъ диссертатсияи мазкур таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб рафта, норасогиҳои дар боло зикршуда арзиши илмии онро кам карда наметавонанд.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Нуриддинзода Сайҷамолидин Ҳайдар бо рӯзмаррагӣ ва навгониҳои худ афзалият пайдо намуда, ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологиҳояи сиёсӣ мебошад.

Тақризи мазкур ба талаботи банди 71-72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Муқарризи расмӣ**:
Доктори илмҳои фалсафа, профессор,
декани факултети фалсафаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Маҳмадизода Н.Д.

Имзои Маҳмадизода Н.Д.-ро
тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.
11.04.2023

**Суроғаи муқарриз**:
734025, ҶТ, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17
тел.: (+992) 907997090